# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Айнулқузоти Ҳамадонӣ яке аз суханварони маъруфи асри XII адабиёти форсу тоҷик ба ҳисоб рафта, дар рушди назму насри ирфонии форсӣ-тоҷикӣ саҳми беназир гузоштааст. Ҳанӯз солҳои 80-уми қарни гузашта Иброҳим Умарзода яке аз аввалинҳо шуда, дар рисолаи «Философские и этические взгляды Айнулкузота» оид ба рӯзгору осор ва ақидаҳои фалсафии Айнулқузоти Ҳамадонӣ маълумот дода, диққати донишмандони тоҷикро ба ин мавзуъ ҷалб карда буд, аммо таҳқиқоти ӯ бештар ҷанбаи фалсафӣ дошт, на адабӣ ва матншиносӣ. Хушбахтона, дар илми адабиётшиносии тоҷик муҳаққиқоне ҳастанд, ки ба омӯзишу таҳқиқи чунин мавзуъҳои тоза ва камомӯхташуда даст мезананд ва аз маърифату огоҳии вижаи худ аз равишҳову суннатҳои шинохти адабиёти тасаввуф ва аҳволу осори суханварони ориф мужда медиҳанд. Диссертант Зоиров Ҳалимҷон яке аз чунин муҳаққиқоне аст, ки наздики бист сол ба омӯзиш ва тадқиқи зиндагиномаву осор, махсусан "Номаҳо"-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва пайдоишу таҳаввули номанигории форсӣ-тоҷикӣ машғул шудааст.

**Навоварии илмии таҳқиқот**и мазкур, пеш аз ҳама, дар он аст, ки муҳаққиқ бори аввал дар таърихи адабиёти тоҷик рӯзгор ва осори илмию адабии Айнулқузоти Ҳамадониро бо такя ба осори худи суханвар ва сарчашмаҳои боэътимоди арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, дар баробари вижагиҳои адабию услубӣ ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯро дар насри форсу тоҷики асри XII муайян кардааст.

Аз фишурдаи рисола бармеояд, ки диссертатсияи унвонҷӯ аз муқаддима, 4 боб, 17 фасл, 14 зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 382 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар **муқаддима** муаллифи рисола оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявию методологии таҳқиқ, сарчашмаҳо ва навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи мавзуъ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва

ҳаҷми диссертатсия маълумот додааст, ки ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

**Боби якуми диссертатсия «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва мероси илмию адабии ӯ»** унвон дошта, шомили 4 фасл аст. Муҳаққиқ дар ин фаслҳои диссертатсия ба тафсил дар бораи зиндагинома, мероси илмию адабӣ, осори мафқуду мавҷуд ва мансуби Айнулқузоти Ҳамадонӣ баҳс намуда, дар поёни ҳар як фасл хулосаҳои илмии худро баён кардааст. Арзиши илмии боби мазкур дар он аст, ки муаллиф бо такя ба ахбори сарчашмаҳои дасти аввали арабию форсӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқон доир ба замони таваллуд ва поёни умри Айнулқузоти Ҳамадонӣ, иттиҳомоти ҳасудону душманон ва уламои замон, гирифториҳои ин суханвари ориф дар зиндони Бағдод, душмании Абулқосими Даргузинӣ – вазири Султон Маҳмуди Салҷуқӣ ва бо дастури ӯ ваҳшиёна ба шаҳодат расидани ин орифи беназир баҳс карда, аҳаммияти осори мавҷуди ӯ, махсусан, «Шаква-л-ғариб», «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Номаҳо» ва «Тамҳидот»-ро ҷиҳати шинохти зиндагинома ва рӯзгори Айнулқузоти Ҳамадонӣ таъкид намудааст.

**Боби дуюми диссертатсия «Таърихи татаввур ва мухтассоти тарассул ва номаҳои форсӣ-тоҷикӣ то замони Айнулқузоти Ҳамадонӣ»** унвон дорад. Муҳаққиқ дар чор фасл ва се зерфасли ин боб перомуни пайдоиши хат ва оғози номанигорӣ, оини тарассул, анвои номаҳо, мухтассоти номаҳо, осори марбут ба оини нигориш ва номанависии аҳди Сосониён, одоб ва расми номанигорӣ дар қарнҳои аввали исломӣ, аҳди Тоҳириёну Саффороиён, Сомониён, Оли Бӯяву Оли Зиёр ва рушди муншаотнависии форсӣ-тоҷикӣ дар замони Ғазнавиён, Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён ба тафсил баҳс намудааст.

**Боби сеюми диссертатсия «Вижагиҳои адабиву услубии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ»** унвон дошта, фарогири чор фасл ва панҷ зерфасл буда, дар ин фаслҳои диссертатсия ба таври муфассал вижагиҳои адабию услубӣ ва мухтассоти насри «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, фарқи сохт, мавзуъ ва шеваи нигориши «Номаҳо»-и ӯ аз номаҳои қарнҳои қаблӣ ва аҳди худ баҳс мекунад. Аз хулосаҳои илмии фаслҳо ва зерфаслҳои ин боб равшан мешавад, ки шеваи нигориши номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз расму одоби номанигории аҳди худ бисёр фарқ мекунанд, мавзуоти номаҳояш низ гуногун, пур аз розу рамзи ирфонӣ ва баёни мароҳили сулук буда, дар онҳо асаре аз тасаннуоту такаллуфот, ки хоси дабирони замонаш буд, ба назар намерасад (Фишурда, с. 24). Фасли чоруми боби мазкур таҳти унвони «Аҳаммияти адабӣ ва вижагиҳои «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ», ки фарогири панҷ зерфасл аст, аҳамияти зиёди илмиро доро буда, дар атрофи назари Айнулқузоти Ҳамадонӣ нисбат ба шеър, андешаҳои ахлоқӣ ва

тарбиявӣ, дифоъ аз Иблис, мафҳуми ишқ, корбурди зарбулмасалу мақол ва санъатҳои бадеӣ дар «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ баҳс мекунад.

**Боби чоруми диссертатсия «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳамчун сарчашмаи адабӣ ва матншиносӣ»** номгузорӣ шудааст ва аз 5 фаслу 3 зерфасл иборат буда, дар бораи арзиши илмию матншиносии 9 нусхаи хаттии «Номаҳо»-и Айнулқузот, ки дар китобхонаҳои маъруфи Эрону Туркия, Порису Лондон маҳфузанд ва акси нусхаҳои онҳо, ки дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон нигоҳдорӣ мешаванд, ҳамчунин муҳассанот ва хатоҳои матншиносии нашри савуми «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, аҳаммияти «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳамчун сарчашмаи адабӣ, ашъори форсӣ ва арабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар "Номаҳо", истишҳоди авроми, фаҳлавиёт ва ашъори форсию арабии суханварони қарнҳои IX-XII дар номаҳои ин суханвар баҳс мекунад.

Муҳаққиқ дар фасли чоруми боби мазкур, ки «Атрибутсия – мансубияти ашъори истишҳодшуда» унвон дорад, бо такя ба сарчашмаҳои куҳан ва девони ашъори суханварон муаллифони аслии чанд байти истишҳодшударо муайян намуда, аҳаммияти «Номаҳо»-и Айнулқузотро дар тасҳеҳи ашъори суханварони қарнҳои IX-XII таъкид сохтааст.

Дар **хулоса** натиҷаи асосии таҳқиқи диссертатсионӣ дар 30 банд дақиқ, мушаххас ва равшан оварда шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ** дар он аст, ки натиҷаҳои илмии он метавонанд ба омӯзиши минбаъдаи таърих ва назарияи номанигорӣ, вижагиҳои адабиву услубӣ, нусхашиносӣ ва матншиносии тарассулот ва муншаоти суханварони дигари асри XII ва қарнҳои баъдӣ, таҳқиқи паҳлуҳои номакшуфи мероси илмӣ ва адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ мусоидат намоянд. Маводи диссертатсияро метавон ҳангоми таҳияи китобҳои дарсии академӣ ва донишгоҳии таърихи адабиёти тоҷик, адабиёти тасаввуф, таърих ва назарияи номанигорӣ, сарчашмашиносӣ, матншиносӣ, сабкшиносӣ, таълифи рисолаҳои илмӣ, хондани лексияҳо, дарсҳои амалӣ ва курсҳои махсус истифода намуд.

**Ҳадафи пажуҳиш**и мазкур таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва муайян кардани ҷойгоҳи он дар насри форсу тоҷики асри XII мебошад. Аз мутолааи автореферати диссертатсия чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки муаллиф ба мақсади ниҳоии худ расидааст. Забон ва сабки баён, таҳлилу муҳокима, равиши таҳқиқ ва хулосаҳои илмии муаллифи диссертатсия аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат мебошад.

Муҳаққиқ дар раванди ҷустуҷӯҳои илмии худ ба таълифи як монография ва 65 мақолаи илмӣ муваффақ гардидааст, ки аз онҳо 24 мақола дар

маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба мушоҳида расиданд, киислоҳи минбаъдаи онҳо сабаби афзунии ҳусни он хоҳад буд:

1. Хуб мешуд, ки муаллиф дар боби якуми диссертатсия фасли алоҳида оварда, дар он оид ба вазъи сиёсӣ ва адабии қарни XII маълумот медод.

2. Дар автореферати диссертатсия тарҷумаи тоҷикии баъзе иқтибосоти арабӣ оварда нашудааст (с. 36).

3. Дар фишурда баъзе хатогиҳои имлоию техникӣ ба чашм мерасанд.

Камбудиву пешниҳодҳои зикршуда ислоҳшавандаи ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ қимати илмии автореферати диссертатсияро кам намекунанд.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии **Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)»** пажуҳиши арзишманд ва муҳимми саривақтӣ маҳсуб ёфта, сохтору муҳтавои илмии он ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо комилан ҷавобгӯ аст ва муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) сазовор мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи адабиёти тоҷики
МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав" Икромов Искандар

Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Дӯстии халқҳо 66/42
Тел.: (+992905002651)

Имзои профессор И. Икромовро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар, к. Айнӣ, 67,
МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав"
E-mail: bqu-1978@mail.ru
Тел.: (832 22) 2-45-20; 2-22-53
«14» майи соли 2024